# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Шароити соҳибистиқлолии кишвар, бунёди давлати миллӣ ва ниёзҳои ҷомеаи муосири фарҳангӣ, омӯзиши гузаштаи пурифтихори таърихиро тақозо менамоянд. Дар чунин шароит андӯхтани донишҳои илмии таърихӣ, маърифати илмии замони гузашта, ташаккули ҷаҳонбинии илмии таърихӣ ва ниҳоят, истифодаи таҷриба ва сабақи таърихӣ аҳаммияти хос пайдо менамояд. Мусаллам аст,ки дар ин раванд омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-пажӯҳишии муаррихону муҳаққиқон, муайян кардани ҷойгоҳ ва саҳми онҳо дар таҳқиқи масоили мубрами гузаштаи таърихӣ низ аз вазифаҳои муҳимми илми таърих маҳсуб меёбад. Омӯзиши фаъолият ва саҳми муҳаққиқону муаррихон дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик, инъикоси масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ дар таҳқиқоти онҳо, нашри осори безаволи илмии онҳо ба ташаккули шуури таърихии ҷомеа, хусусан насли наврас ва ҷавони кишвар, тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ ва созандагӣ таъсири назаррас дорад. Дар ин радиф диссертатсияи номзадии Нуров Сухроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев» муҳимият пайдо менамояд. Ҳамзамон, тақиқи фаъолияти илмӣ-педагогӣ ва таҳқиқотии олим дар таърихнигории ватанӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Тибқи мазмуну мундариҷаи диссертатсия тақризшаванда, ҳаёт, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-педагогӣ, ҷамъиятӣ ва осори илмии профессор О.Б. Боқиев аз охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта, ки ба замони авҷи камолоти ӯ ҳамчун олим ва таърихнигори варзида рост меояд, мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи

таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур ба мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б. Боқиев» бахшида шудааст ва он фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

Диссертатсияи Нуров С.Р. дар робита ба барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотӣ кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултети таърихи Донишгоҳ мазкур омода шудааст.

**Навгони илмии таҳқиқотии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқот оид ба саҳми О.Б. Боқиев дар омӯзиши таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистони муосир мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистонро дар асоси осори илмии профессор О.Б. Боқиев ва муқоисаи он ба осори муҳаққиқони дигар мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар** дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузарондани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ ифода меёбад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назарӣ пешкаш шудаанд.

Аҳаммияти **амалии таҳқиқоти** мазкур дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро метавон ҳангоми таҳияи маводди гуногуни илмӣ, таълимию методӣ ва хондани курсҳои махсус барои ихтисосҳои таърихи донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар мавриди истифода қарор дод. Маводди диссертатсияро ҳамчунин барои омӯзиш ва равшану возеҳ гардонидани масъалаҳои мубрами таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва оғози асри XX мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 4 мақолаи илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд.

Диссертатсияи Нуров С.Р. аз мундариҷа, номгӯи ихтисорҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар боби аввали диссертатсия ***«Инъикоси вазъи сиёсӣ ва сохтори маъмурии минтақаҳои муосири Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва оғози асри XX дар таҳқиқоти О.Б. Боқиев»,*** ки, аз ду зербоб иборат мебошад, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии профессор О.Б. Боқиев ва вазъи сиёсии ҳудудҳои Тоҷикистони муосир дар давраи сиёсати мустамликавии Русияи подшоҳИ дар осори олим баррасӣ мегардад.

Дар ин боб роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолият ва саҳми арзандаи профессор О.Б. Боқиев дар рушди илми таърихнигорӣ ва омода намудани кадрҳои илмии ҷавони Тоҷикистон сухан рафта, хидматҳои шоёни ин муаррихи номвар дар рушди илми тоҷик муайян мегардад.Дар диссертатсия дақиқ мегардад,ки олим бештар ба таҳқиқи таърихнигории таърихи Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории тоинқилобии рус диққати асосии хешро равона сохтааст. Дар ин ришта муҳақиқ зиёда аз 200 асари илмӣ, мақола, барномаҳои таълимӣ ва ёрирасон ба нашр расонидааст. Бояд иброз дошт,ки омӯзиши масъалаи вазъияти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва сохтори маъмурию идории манотиқи муосири Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигори тоинқилобии рус дар таҳқиқоти профессор О. Боқиев ҷойгоҳи хос дошта, ҳамзамон объекти асосии омӯзиш ва пажӯҳишҳои илмии ӯ гардидаанд. Ҳангоми омӯзиш ва тавсифи сохтори сиёсию маъмурии ҳудудҳои муосири Тоҷикистон профессор О. Боқиев маводи гуногунмазмуни таърихнигории тоинқилобии русро дар масъалаи мазкур гуруҳбандӣ менамояд. Диссертант зикр менамояд,ки профессор О.Б. Боқиев дар

осори хеш ҳангоми инъикос ва баррасии таърихи сиёсӣ ва сохтори маъмурии ин ҳудудҳо пиромуни масъалаҳои муҳим иброз назар кардааст. Бавижа ӯ навиштааст,ки дар хусуси минтақаҳои мазкур то оғози асри XIX дар таърихнигории рус баъзе маълумоти пароканда мавҷуд буданд, вале ҷамъоварии маводи арзишманди илмӣ дар бораи Осиёи Миёна, аз ҷумла мулкҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва дигар минтақаҳои он ба нимаи аввали асри XIX рост меояд.

Дар боби дуюми диссертатсия – ***«Таҳқиқи масоили мубрами ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори О.Б. Боқиев»*** вазъи деҳот, ҳунармандӣ, саноат ва муносибатҳои тиҷоратии ҳудудҳои Тоҷикистон дар давраи таҳқиқшаванда мавриди таҳлилу баррсӣ қарор гирифтааст.

Дар ин маврид диссертант қайд менамояд,ки яке аз масъалаҳои марказии муҳаққиқ,отии олим ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои тоҷикнишин ва масъалаи заминдорӣ мебошад. Профессор О.Б. Боқиев дар хусуси масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба осори муаррихони тоинқилобии рус ва таърихнигорони минбаъда такя менамояд. Аз назари муҳақиқ нахустмуаррихи тоинқилобии рус, ки масъалаи заминдориро дар аморати Бухоро мавриди таҳлил ва инъикос қарор додааст Н.В. Хаников мебошад. Вай ҳануз дар солҳои 40-уми қарни XIX ба ин масъала диққати махсус додааст.Таҳлил нишон медиҳад,ки дар осори О. Б. Боқиев шаклҳои заминдории нишондодаи муаррихон тоинқилобии рус шарҳу тавзеҳи худро ёфтааст. Дар ин боб инчунин вазъи иқтисодии ҳудудҳои Тоҷикистон дар давраи сиёсати мустамликавии Русияи подшоҳӣ таҳлилу баррасӣ мешавад.. Дар асоси осори муҳаққиқони тоинқилобии рус профессор О.Б. Боқиев зикр намудааст, ки саноати ҳудуди Тоҷикистон дар охири асри XIX танҳо аз саноати коркард ва истихроҷ иборат буд. Саноати ҳудуди Тоҷикистон дар арафаи ба Русия ҳамроҳ шудан ғолибан хусусияти соф косибӣ дошт

ва талаботи хоҷагии халқ ва аҳолии мамлакатро то дараҷаи даркорӣ қонеъ карда наметавонист. Солҳои 1866–1895 навъҳои гуногуни хунар, аз ҷумла бофандагӣ, кулолгарӣ, чармгарӣ, оҳангарӣ, заргарӣ, дуредгарӣ, рангуборкунӣ, собунсозӣ, равғанкашӣ вуҷуд дошт.

Боби сеюми рисола ***«Бозтоби масъалаи забти ҳудудҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев»*** масъалаҳои раванди забти ҳудудҳои Тоҷикистони шимолӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант менависад,ки масъалаи забт ва ҳамроҳ гардидани ҳудудҳои Тоҷикистони муосир аз тарафи қушунҳои Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О. Боқиев ҷойгоҳи хос дошта, ҳанӯз аз нимаи дувуми солҳои 60-уми асри гузашта дар маркази диққати ӯ қарор доштааст.

Аз назари мо ба як нозукӣ бояд диққат дод,ки дар таърихнигории муосир истифодаи вожаҳои “ҳамроҳшавӣ”,”ҳамроҳкунӣ” в “забт” мавриди баҳсу мунозираи олимон қарор дорад.

Диссертант дуруст қайд менамояд,ки осори таърихию таърихнигории профессор О. Боқиев дар асоси манбаъ ва сарчашмаҳои дасти аввал ва муътамади таърихнигории тоинқилобии рус таълиф гардида, манзараи комилан нави ҳодисаҳо ва воқеаҳои таърихии ҳудудҳои муосири Тоҷикистонро дар робита бо забт гардидани он аз тарафи қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ дар пешорӯйи мо қарор дода, ҳамзамон барои дарку маърифати илмии он мусоидат менамояд. Шиносой бо осори профессор О. Боқиев нишон медиҳад, ки дар баробари чеҳраҳои расмӣ ва доираҳои ҳукмрони Русияи подшоҳӣ, муаллифон ва таърихнигорони тоинқилобӣ, ҳамчунин, матбуоти даврии расмӣ низ тавсеаи ҳарбию сиёсии Русияро ба Осиёи Миёна ҳамаҷониба ташвиқ ва

ҷонибдорӣ мекарданд. Дар диссертатсия пиромуни инъикоси масъалаи ҳамроҳшавӣ ва забти ҳудудҳои Помир аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар таҳқиқоти профессор О.Б. Боқиев маълумотҳои зиёде оварда шудааст. Аз ҷумла қайд мегардад,ки сокинони кӯҳистони Бадахшон бо умеди гирифтани ёрӣ ва озод гардидан аз зулму ситам ва бераҳмию ваҳшонияти амалдорони амирони Афғонистону Бухоро омадани ҳар як дастаҳои низомии русро бесаброна интизор мешуданд.

Бояд қайд кард, ки хулосаи рисолаи диссертатсионӣ аз дараҷаи баланди натиҷа бардории илмии унвонҷӯ дарак медиҳад. Дар бандҳои хулоса, ки фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифанд, фикрҳои ҷамъбастии ӯ натиҷагирӣ шудаанд. Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ ҷолибанд.

Аммо дар ҳамагуна кори илмӣ баробари муваффақиятҳои бадастомада, боз норасоиҳо низ вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз мехостам пиромуни баъзе норасоиҳои ин диссертатсия, ки ба чашм мерасанд, ибрози назар намоям:

1.Азбаски диссертатсия ба ҳаёт ва фаъолияти таърихнигор бахшида шудааст, беҳтар мебуд,ки дар бораи чӣ будани таърихнигори ва ки будани таърихнигор дар "Муқаддима" каме маълумоти мухтасар дода мешуд. Зеро профессор О.Б.Боқиев ҳақиқатан таърихнигор аст. Дар матн аҳён-аҳён баъзе муаррихон таърихнигор ёдрас мешаванд.

2.Мутаассифона, зербоби 1.1. "Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти илмии профессор О.Б.Боқиев" якбора аз хидмати таърихнигор ва арҷгузории заҳматҳояш оғоз шудааст (саҳ.23-24). Аслан, дар тавсифи ҳаёт ва фаъолияти ин ва ё он шахсияти шинохта, сараввал аз оғоз пайдарҳам ҷанбаъҳои асосии фаъолият баррасӣ гардида, сипас подоши заҳматҳояш нишон дода мешавад. Ҳатто сабаби дар Дорулфунуни Самарқанд (дар ҷои дигар Донишкадаи омузгории Тоҷикистон дар шаҳри Самарқанд

навишта шудааст (саҳ.25) 2 сол таҳсил кардан ва ба Донишгоҳи Далатии Тоҷикистон шомил шуданаш мушаххас нашудааст.

3.Ба чашм мерасад,ки ба фаъолияти чамъиятии ӯ бештар таваҷҷуҳ шуда, дар бораи роҳбарӣ ва усулҳои омузгории О.Б.Боқиев дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) камтар таваҷҷуҳ шудааст. Аз ҷумла, бояд ёдрас шуд,ки бори нахуст бо ташаббуси ӯ дар кафедра фанни "Библиография" ҷорӣ гардида, банда нахустомузгори ин фан будам. Зери назари О.Б.Боқиев барномаи дарсӣ низ таҳия ва чоп шуда буд.

4.Хулосаи зербоби дуюми боби аввал хеле кутоҳ аст ва натиҷаи зербобро ҷамъбаст карда наметавонад (саҳ.78). Зербоби 1 боби 3 хулоса надорад (саҳ.135).

5."Рӯйхати сарчашма ва адабиёт"и диссертатсия аслан дуруст мураттаб ёфтааст. Аммо вақте ки ҳаёту фаъолияти як олим мавриди баррасӣ қарор мегирад, осори ӯ дар руйхати алоҳида ҷой дода мешавад. Зеро ҳамагуна пажуҳишгар ва хонанда ҳангоми омузиш сараввал ба руйхати осори олим ибрози назар менамояд.

6. Дар матн баъзе хатоиҳои техникӣ низ ба назар мерасад.

Вале, норасоиҳои зикршуда аҳаммияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дастоварди диссертант дар он аст,ки у тавонистааст ҳаёт ва фаъолияти босамари илмӣ-таҳқиқотии профессорро омӯхта, омилҳо ва шароитҳои ташаккули шахсият, дидгоҳ, мавқеи илмӣ ва мавзуҳои асосии осори ӯро муайян созад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии арзишманд буда, ба талаботи муқарраршудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант ба мазмуну муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тавр, бояд хулоса кард,ки, таҳқиқоти диссертатсионии Нуров Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Инъикоси таърихи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и ҳудудҳои Тоҷикистон дар осори профессор О.Б.Боқиев» бaанҷомрасида арзёбӣ шуда, сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд ва диссертант барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Муҳидинов С.Р.
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нусратулло Махсум 89\1 хонаи 5
Тел.: (+992) 93 521 92 74
E-mail: raja1956@mail.ru

Имзои С.Р. Мухиддиноврo тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ваТоҷикистон Исмоилова М.Н.

«18» 06 2026 г.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи М. Турсунзода 30.
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон
Телефон: (+992-37) 221-35-50;
E-mail: rtsu.tj

июни соли 2026.